ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС
ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

Кафедраи методикаи таълим дар
муассисаҳои томактабӣ
ва миёнаи умумӣ

# БАРНОМАИ
# ТАЪЛИМИИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ МУДИРОН ВА САРМУРАББИЁНИ МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ

Душанбе - 2024

Бо қарори шурои олимони Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” аз 30 сентябри соли 2024, №9/8-55 тасдиқ гардидааст.

**Мураттиб: Девоншоева Тутихон -** омӯзгори калони кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ

**Муқарризон: Ҷӯраева Нигина** – мудири шуъбаи таҳсилоти томактабии Маркази ҷумҳуриявии таълимӣ-методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Мирхонова Нодира -** ходими калони Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**Муҳаррир**: Неъматова Бибиқанд- номзади илмҳои филологии кафедраи фанҳои гуманитарӣ

Барномаи мазкур бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами дохилӣ ва хориҷии дар бахши такмили ихтисоси роҳбарони муассисаҳои томактабӣ ба дастомада, дастовард ва хулосаҳои мутахассисони соҳа барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси мудирону сармураббиёни кӯдакистонҳо пешбинӣ карда шудааст.

# ПЕШГУФТОР

Тарбияи томактабӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими соҳаи маориф буда, бахри омода кардани кӯдакон ба мактаб ва тарбия намудани кӯдакон бо такя ба арзишҳои миллӣ мавқеи муҳимро мебозад. Таълим ҳамеша аз таҳсилоти томактабӣ сарчашма гирифта, таъсири неки худро дар синфҳои ибтидоӣ намоиш медиҳад. Дигаргуниҳо дар соҳаи назария, амалия ва методикаи тарбия ва таълими томактабӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ- ҳуқуқии доир ба ҷодаи тарбияи томактабӣ воридгардида такмили ихтисоси кормандони педагогии муассисаҳои томактабиро талаб менамояд.

Барномаи таълимии мазкур барои курсҳои такмили ихтисоси 7-рӯзаи мудирону сармураббиёни муассисаҳои томактабӣ дар ҳаҷми 36 соат тартиб дода шудааст.

Мақсади асосии барнома баланд бардоштани маҳорати касбии сарварони кӯдакистонҳо бо роҳи шинос намудани онҳо бо дастовардҳои олимони педагогикаю психология, роҳу усулҳои нави таълиму тарбия дар кӯдакистонҳо бо истифодаи усулҳои нави инноватсионии таълим мебошад.

Шунавандагони курс дар ҷараёни таълим аз сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, аснодҳои меъёрию ҳуқуқии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, оид ба дастовардҳои нави илми педагогикаю психология, ҳифзи табиат, пешгирии касалиҳои сирояткунанда, тарғиби тарзи ҳаёти солим, тарбияи таҳаммулу тоқатпазирӣ низ маълумот пайдо мекунанд. Бо сабаби васеъ истифода шудани воситаҳои нави иттилоотӣ шунавандагон дар ҷараёни курс маҳорати одии истифодаи ин воситаҳоро низ пайдо мекунанд. Дар барнома оид ба коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар таълимгоҳҳо низ аҳамият дода шудааст, ки он низ ба роҳбарон оид ба тарзи тайёр намудани ҳуҷҷатҳои кӯдакистон кумак менамояд.

Барномаи мазкур тарзе таҳия шудааст, ки он асосан ба методҳои интерактивӣ, омӯзиши омехта такя намуда, усулҳои таълимии гуногунро пешниҳод менамояд. Донистани усулҳои гуногуни тарзи таълим ва муқоисаи онҳо имконият медиҳад, ки мудирон дар ташкили раванди таълиму тарбия метавонанд ин ё он усул, барномаҳои таълимиро интихоб намуда, дониши омӯзгорони томактабиро мукаммал намоянд.

Мудирон ва мушовирони кӯдакистонҳо маҳорати касбии худро такомул дода, аз ҷумла, доир ба ҳуҷҷатҳои муҳими идоракунӣ, фаъолият ва менеҷменти молиявии муассисаҳои томактабӣ маълумоти саҳеҳ пайдо менамоянд.

Дар барнома доир ба такмили ҳамаи намудҳои тарбия ва таълими томактабӣ диққати махсус дода шудааст. Оид ба тарзу усулҳои корбарӣ, идора намудани муассисаи таълимӣ, тартибу ташкили ғизои тарбиягирандагон ва инчунин, раванди омӯзонидани машғулиятҳои таълимӣ бо истифодаи усулҳои фаъоли таълим маслиҳатҳо дода мешавад. Шунавандагон дар ҷамъомадҳои назоратӣ, коргузорӣ ва идоракунии мудирони кӯдакистонҳои такягоҳӣ иштирок намуда, корҳои эҷодӣ менависанд ва маҳорати касбии худро сайқал медиҳанд.

Барномаи таълимии курс аз нақша иборат аст. Нақша – барнома се қисмро дар бар мегирад:

1. **Мақсади таълим** – мақсадҳои муайяни таълимиеро, ки барои ҳосил шудани салоҳияти касбӣ равона шудаанд, дар бар мегирад.
2. **Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – ин қисм аз фаъолиятҳои мушаххас иборат буда, баъди азхуд кардани онҳо, мудирону сармураббиёни кӯдакистонҳо бо мақсади омӯзиш ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунанд.

3. **Вақт** – вақти эътимолие, ки барои иҷрои мақсаду вазифаҳои таълим мусоидат менамоянд.

## ТАЛАБОТИ БАРНОМА

То анҷоми КТИ мудирону сармураббиён бояд дониш, малака ва салоҳиятҳои зеринро соҳиб гарданд:

- бо сиёсати давлат дар соҳаи маориф шинос шуда, фаъолияти таълимро дар асоси талаботи онҳо ба роҳ монанд;
- навгониҳои илмҳои педагогика ва психологияро донанд ва дар амал татбиқ намоянд;
- мақсаду вазифаҳои таълим ва тарбияро шарҳ дода, тавассути онҳо нақшаҳои тақвимии солонаро таҳия кунанд;
- муҳити рушддиҳандаи кӯдаконро дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ ташкил мекунанд.

Салоҳиятҳои мазкур тавассути тест ва корҳои эҷодӣ санҷида мешаванд. Баъд аз хатм дар ҳолати ҳимояи корҳои эҷодӣ ва супоридани имтиҳон ба шунавандагони курс шаҳодатнома супурда мешавад.

**Гурӯҳи шунавандагон**: мудирону сармураббиёни муассисаҳои томактабӣ

**Шакли машғулиятҳо**: лексионӣ- амалӣ, амалӣ, семинар ва мубоҳисаҳо.

**Санҷиши дониш**: тестҳои санҷишӣ.

**Нақшаи**

**таълимии такмили ихтисоси мудирону сармураббиёни муассисаҳои томактабӣ**

| № | Қисмҳои барнома | Микдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | Тахассус, такмили маҳорати касбӣ | 36 | 14 | 22 |
| 2. | Педагогикаи томактабӣ | 3 | 1 | 2 |
| 3. | Психологияи бачагона | 3 | 1 | 2 |
| 4. | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | - |
| 5. | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| | Ҳамагӣ: | 48 | 19 | 29 |

**Нақшаи**
**тақвимии курси такмили ихтисоси мудирону сармураббиёни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ**

| т/р | Қисмҳои барнома | Микдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **хмагӣ** | **назариявӣ** | **амалӣ** |
| **1** | **Тахассус, идоракунии МТТ** | **36** | **14** | **22** |
| 1.1 | Санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии соҳаи томактабӣ. Меъёрҳои салоҳиятнокии кӯдакони синни томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ | 4 | 2 | 2 |
| 1.2 | Самтҳои асосии фаъолияти кории мудири кӯдакистон ва ташкили он. | 4 | 2 | 2 |
| 1.3 | Кор бо кадрҳо ва муайян кардани вазифаи онҳо. | 2 | - | 2 |
| 1.4 | Коркарди нишондиҳандаҳо ва нақшаи солонаи кӯдакистон. | 4 | 2 | 2 |
| 1.5 | Корҳои методӣ ва назорати раванди тарбияю таълим дар кӯдакистон | 4 | 2 | 2 |
| 1.6 | Ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакон. | 2 | 1 | 1 |
| 1.7 | Хушҳолиҳо ва ҷашнҳо дар муассисаи томактабӣ | 2 | - | 2 |
| 1.8 | Кӯдакистон ва оила | 4 | 2 | 2 |
| 1.9 | Биноҳо, майдончаҳо, айвончаҳои кӯдакистон ва талаботи санитарӣ нисбати онҳо | 2 | - | 2 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.10 | Фаъолияти омӯзишии кӯдакон дар раванди таълим | 2 | 1 | 1 |
| 1.11 | Менеҷменти молиявӣ | 4 | 2 | 2 |
| 1.12 | Вазифаҳои роҳбарони муассисаҳои томактабӣ оид ба маблағгузории сарикасии кӯдакистон | 2 | - | 2 |
| | **Ҳамагӣ:** | **36** | **14** | **22** |
| **2.** | **Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ** | **16** | **6** | **10** |
| 2.1 | Ташкили муҳити омӯзишӣ дар гурӯҳҳои синнии муассисаҳои томактабӣ | 4 | 2 | 2 |
| 2.2 | Таҳсилоти фарогир | 4 | 2 | 2 |
| 2.3 | Меъёрҳои санитарию эпидеомологии МТТ | 4 | 2 | 2 |
| 2.4 | Ташкили омӯзиш тавассути бозиҳои дидактикӣ ва таълимӣ дар кӯдакистон | 4 | 2 | 2 |

## Барномаи таълимии курси такмили ихтисоси мудирон ва сармураббиёни муассисаҳои томактабӣ

**Мавзуи 1.1**. Санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии соҳаи томактабӣ. Меъёрҳои салоҳиятнокии кӯдакони синни томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ.

Сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тарбияи томактабӣ. Шинос намудани шунавандагон бо вазъи имрӯзаи тарбияи томактабӣ. Заминаи ҳуқуқии соҳаи тарбияи томактабӣ, тарзи таълим дар кӯдакистонҳо, таъмини нерӯи таълимӣ-методии муассисаҳои томактабӣ. Роҳҳои баланд бардоштани сифати тарбияю таълим дар кӯдакистонҳо. Таъмини муассисаҳои томактабӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ. Аттестатсия ва такмили ихтисоси кормандони педагогии кӯдакистонҳо. Саҳми муассисаҳои томактабӣ дар тарбияи кӯдакони синни барвақт.

Нишондодҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (моддаи 15, соли 2013) ва «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» (2013). Моҳият, мазмун ва мундариҷаи Низомномаи **намунавии** муассисаи таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2015), Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2014), Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдакони синни аз рӯзи таваллуд то 7-сола (2010), Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2006) ва ғ. доир ба тарбия ва таълими томактабӣ. Ба роҳбарӣ гирифтани талаботҳои асноди меъёриву ҳуқуқии соҳаи тарбияи томактабӣ.

Меъёрҳои салоҳиятнокии кӯдакони синни томактабӣ дар муассисаҳои томактабӣ. Фароҳам овардани шароит барои амалӣ гардонидани барномаи таълимии кӯдакистонҳо. Фаъолияти мудиру сармураббӣ - фаъолияти эҷодкорист. Нақши мудирону

сармураббиён дар ташкили корҳои тарбиявӣ ва дар роҳбарии фаъолиятҳои таълимӣ дар доираи талаботи онҳо. Ташкил намудани муҳит ва гӯшаҳои таълимӣ дар кӯдакистон ва гурӯҳҳои синнӣ. Вазифаи асосии роҳбари муассисаи томактабӣ- ин омӯзонидани мураббиён доир ба мақсаднок истифода бурда тавонистани маводи таълимию аёният дар машғулиятҳои таълимӣ. Ҳаматарафа инкишоф додан ва омода намудани кӯдакон ба мактаб -вазифаи муҳими муассисаҳои томактабист. Ҳамкории кӯдакистон бо оила, мактабу ҷомеа ва роҳҳои амалӣ гардонидани онҳо.

**Мавзуи 2.2.** Самтҳои фаъолияти кории мудири кӯдакистон. Муассисаи томактабӣ – муассисаи таълимист ва мудир роҳбарест дорои ҷаҳонбинии васею донандаи раванди таълиму тарбияи томактабӣ. Ташкили дурусти корҳои тарбиявӣ ва методӣ- вазифаи муҳимтарини мудиру сармураббӣ дар татбиқи барномаи тарбиявии кӯдакистонҳо ба шумор меравад. Вазифаи асосии роҳбари кӯдакистон ба мураббиён дуруст ва мақсаднок истифода бурдани айёнияту маводи таълимӣ мебошад. Мазмуни корҳои маъмурӣ. Таъмини нақшаи фарогирии кӯдакон ба тарбияи томактабӣ, ташкили ғизо ва маъракаи солимгардонии тарбиягирандагон. Такмил додани маҳорати касбии кормандони омӯзгории кӯдакистон. Мустаҳкам намудани пояи моддӣ-техникии кӯдакистон ва дуруст ба роҳ мондани ҳифзи саломатии кӯдакон. Ҳамкории кӯдакистон ва оила- самти муҳимест дар тарбияи ҳаматарафаи кӯдак. Роҳбарӣ ба АВО ва тарғиби таҷрибаи хуби оила.

Ҳамкорӣ бо падару модарон вазифаи аввалиндараҷаи муассисаи томактабӣ ва сарвари он ба ҳисоб меравад. Мазмуну мундариҷаи кор бо падару модарон: кӯмак расонидан ба мураббиён дар ташкили фаъолияти корӣ бо волидон,

гузаронидани сӯҳбатҳои фардию гурӯҳӣ, додани маслиҳатҳо оид ба тарбияи атфол, ташкил ва назорати кори АВО.

**Мавзуи 1. 3.** Кор бо кадрҳо ва муайян кардани вазифаҳои онҳо.

Мақсад ва мазмуни кор бо кадрҳо. Воситаҳо ва методҳои роҳбарии кормандони муассисаи томактабӣ дар амалӣ гардонидани мақсадҳои пешбинишудаи барномаи таълимии «Рангинкамон». Баҳодиҳӣ ба фаъолияту меҳнати ҳар як корманди омӯзгорӣ. Омӯзиши Қоидаҳои тартиби дохилии меҳнат ва Оинномаи кӯдакистон- гарави асосии таъмини шароити хуби меҳнати муассисаи томактабӣ. Интихоб ва ҷобаҷокунии кадрҳо- аз рӯйи сифатҳои шахсию касбӣ. Таъмини муассисаи томактабӣ бо дастуру маводи методӣ - самти асосиест дар фаъолияти мудиру сармураббӣ.

**Мавзуи 1.4**. Коркарди нишондиҳандаҳо ва нақшаи солонаи кӯдакистон. Ба нақшадарории кори кӯдакистонҳо. Шӯрои омӯзгорӣ. Тарзи ҳуҷҷатгузорӣ дар ширхоргоҳу кӯдакистон ва накши мудир дар он. Номгӯи ҳуҷҷатҳои кории пешбинишуда дар кӯдакистон. Вазифаҳои хизматии мудир, сармураббӣ ва кормандони омӯзгории кӯдакистон. Ба нақша даровардани фаъолияти кӯдакистон. Нақшаи солона – ҳуҷҷати асосӣ буда, фаъолияти дурнамои кӯдакистонро инъикос менамояд. Нақшаи солона мутобиқи талаботи барномаи таълимӣ ва таҳлили фаъолияти соли гузаштаи муассисаи томактабӣ барои соли хониш тартиб дода мешавад. Нақшаи солона аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа аз се қисм иборат аст:

- қисми якум- дар бораи таҳлили раванди тарбияву таълими тарбиягирандагон тибқи барномаи таълимии кӯдакистон ва дар маҷмӯъ дода мешавад;

- қисми дуюм – ба нақша ворид намудани вазифаҳои муҳими тарбия ва таълими кӯдакон, роҳҳои таъмин намудани

инкишофи ҳаматарафаи тарбиягирандагон аз тарафи кӯдакистон бо муайян кардани вазифаҳои асосии соли хониш ва ба ҳисобгирии мақоми кӯдакистон;

- қисми сеюм: тадбирҳои тарбиявӣ, солимгардонӣ, варзишӣ ва сайқалдиҳии маҳорати касбии мураббиён. Пешбинӣ кардани кори методӣ бо мураббиён: шурои омӯзгорӣ, маслиҳатҳо, омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадам, таҷрибаивазкунӣ, машғулиятҳои кушод, ороиши умумии муассиса ва кабинети методӣ. Нақшаи дурнамои аз курсҳои такмили ихтисос ва аттестатсия гузаронидани кормандони омӯзгорӣ. Нақшаҳои солонаи АВО ва ҳамкорӣ бо мактаб. Нақшаҳои тарбиявии ширхоргоҳ ва кӯдакистон.

Шурои омӯзгорӣ. Шиносоӣ ва омӯзиши Низомномаи шурои педагогии муассисаҳои томактабӣ. Шурои омӯзгорӣ – шакли доимоамалкунандаи кори методию педагогӣ. Мазмуну моҳияти шурои омӯзгорӣ: ҳалли масъалаҳою муҳокимаи ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки сиёсати давлатро дар соҳаи мазкур амалӣ менамоянд, фаро мегирад; вазъи тарбияю таълими кӯдакистон, иҷрои барномаи таълимӣ, ҳолати саломатии кӯдакон, омода намудани онҳо ба мактаб, натиҷаҳои санҷишҳои мавзуӣ ва пурра, шунидани ҳисоботҳои мураббиён оид ба фаъолиятҳои гуногуни таълимӣ дар анҷоми семоҳаҳо, оид ба таълими машғулиятҳои мушаххас (инкишофи нутқ, санъати тасвирӣ, шиносоӣ бо табиат ва ҳ.)- ро дарбар мегирад.

Тартиб ва тарзи гузаронидани шурои омӯзгорӣ: гузаронидани шуро як маротиба дар ду моҳ, дар мавридҳои зарурӣ доир кардани шурои ғайринавбатӣ. Назорати қарорҳои қабулшудаи он. Иштирок дар машғулиятҳо ва таҳлили онҳо. Ташкил ва гузаронидани семинарҳои амалӣ, иттиҳодияҳои методӣ ва маслиҳатҳои гурӯҳӣ барои мураббиёни гурӯҳҳои синну соли гуногун.

Кабинети методӣ ва нақши он дар расонидани кумакҳои амалӣ ба мураббиён ва ба танзимдарории ҷараёни таълим дар кӯдакистон. Тартиб додани гӯшаҳои омӯзишӣ, аёниятҳо, расмҳо, маводи таълимӣ, воситаҳои техникӣ, мавод аз таҷрибаи корӣ, дастурҳои методӣ, адабиёти бадеии бачагона барои истифода дар машғулиятҳо. Шиносоӣ бо фаъолияти кабинети методии кӯдакистони такягоҳӣ.

**Мавзуи 1. 5.** Корҳои методӣ ва назорати раванди тарбияю таълим дар кӯдакистон.

Назорат ва роҳбарӣ. Ташкили корҳои методӣ дар муассисаи томактабӣ. Маълумот дар бораи барномаҳои таълимӣ. Зарурияту мазмуни асосии барномаҳо. Таҳлили мазмуну мундариҷаи барномаи таълимии «Рангинкамон», барномаҳои кӯтоҳмуддати омодагӣ ба мактаб ва омодагии пешазмактабии кӯдакони синни 5-7 (6) сола ба мактаб. Вазифаҳои асосии кӯдакистонҳо оид ба татбиқи онҳо. Тарбияи кӯдакон бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ. Маълумот дар бораи ҷадвали машғулиятҳо ва тартиб додани онҳо.

Тартиб додани нақшаи машғулиятҳои таълимӣ дар гурӯҳҳои гуногуни синнусолӣ. Истифодаи усулҳои муосири таълим ва бозиҳои таълимӣ дар раванди таълими томактабӣ. Намудҳои тарбия дар кӯдакистон. Тарбия ва таълими кӯдакони синни томактабӣ дар муассисаҳои томактабӣ тавассути тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи фикрӣ, тарбияи ахлоқӣ, тарбияи меҳнатӣ, тарбияи зебопарастӣ, тарбияи хештаншиносӣ ва роҳҳои амалигардонии онҳо.

Намудҳои тафтиши ҷараёни таълим дар кӯдакистон:

- *Санҷиши мавзуъгӣ:* бо мақсади омӯзиши ҳаматарафаи сатҳи кор аз рӯи мавзуъҳои мушаххас: иҷрои вазифаҳои солонаи муассисаи томактабӣ, оид ба ИТОМ, сайругашти мақсаднок, алоқамандии

методҳои кории мураббиёни ду гурӯҳи синнии якхела, татбиқи асноди меъёрии соҳа, гузаронидани маъракаи солимгардонии кӯдакон ва ғ.

- *Тафтиши фронталӣ*: оид ба вазъи пурраи раванди таълим танҳо дар як гурӯҳи синнӣ гузаронида мешавад.
- *Санҷиши огоҳкунӣ*: воситаи асосии ба мураббиён расонидани кумаки саривақтӣ оид ба масъалаҳои гуногуни фаъолияти корӣ ва пешгирии пастравии корҳои тарбиявӣ. Ҳангоми ташкил кардани сайругашт ба боғи фароғатӣ, беша, назди шаршара ва ғ. аз тарафи мудиру сармураббӣ додани дастур оид ба мақсаду мазмуни сайругашт, мушоҳидаҳои кӯдакон дар табиат ва таъмини ҳифзи ҳаёти кӯдакон. Омода сохтани лаҳзаҳои педагогӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо.

Ташкили машғулиятҳои ҷамъбастӣ дар ҳар семоҳа ва нимсолаи соли хониш. Мушоҳидаи хаматарафаи ҷараёни таълим (бозиҳо, меҳнат, омӯзиш, сайругашт ва ғайра) аз тарафи мудиру сармураббӣ бо мақсади инкишофи кӯдакон. Алоқамандии тарбия ва таълим. Нақши мудир дар таҳлили машғулиятҳо бо мақсади муайян кардани методу усулҳои истифодашудаи мураббӣ ва додани дониш, маҳорат ва малакаҳои зарурии ҳаётӣ. Ҷамъбасти натиҷаҳои тафтишҳои номбурда-роҳест барои такмили маҳорати мураббиён.

Меҳнат яке аз воситаҳои муҳими тарбия, шакли ташкили фаъолияти кӯдакон. Мушоҳидакорӣ ва такмили маҳорату малакаҳои кӯдакон дар ҷараёни меҳнат. Дар ҳамаи гурӯҳҳои синнӣ равона кардани тарбияи меҳнатии кӯдакон ба амалӣ гардонидани вазифаҳои барномавӣ. Ташаккули муносибати мусбат байни кӯдакон дар ҷараёни меҳнат, кӯшиши ба рафиқи

худ ёрӣ расонидан, ба кори дигарон хайрхоҳона муносибат намудан. Тарбияи меҳнатдӯстӣ, саъю кӯшиши меҳнатӣ, ҳисси масъулият, ғамхорию дилсӯзӣ, эҳтиёткорию сарфакорӣ, барои меҳнат тайёр будан. Меҳнати маишӣ, меҳнат дар табиат, меҳнати дастӣ намудҳои асосии меҳнат дар кӯдакистон ва супоришҳои меҳнатӣ, навбатдорӣ ва якҷоя меҳнат намудан шаклҳои ташкилу гузаронидани онҳо. Ҳалли ин масъалаҳо бо ду роҳ: шиносоии кӯдакон бо меҳнати калонсолон ва истироҳати бевоситаи онҳо мувофиқи имконият дар фаъолияти меҳнатӣ пешбинӣ гаштааст. Супоришҳои меҳнатӣ одатан дар ҳамаи гурӯҳҳои синнӣ истифода мешавад. Мураббиён бояд супоришҳои фардӣ ва худхизматрасониро аз гурӯҳҳои хурд оғоз кунанд ва назорат баранд. Дар гурӯҳҳои калони томактабӣ дар кӯдакон тарбия намудани қадр кардани меҳнати калонсолон ва муносибати эҳтиёткорона ба натиҷаҳои он. Нақши мудиру сармураббӣ дар таъмини маводу таҷҳизот барои ҷараёну протссесҳои меҳнатӣ.

Шинос намудани мураббиён бо талаботҳои санитарию гигиении маводи меҳнатӣ.Омӯзиши фаъолияти мураббиён оид ба тарбияи меҳнатӣ тавассути методҳои гуногун: мушоҳидаи кори мураббиён дар ин ҷода, таҳлили банақшагирӣ, сӯҳбатҳо бо кӯдакон ва падару модарон доир ба аҳамияти меҳнат дар инкишофу тарбияи кӯдак.

*Бозӣ.* Бозӣ – воситаи таъсирбахшест дар тарбияи кӯдак. Тарбияи кӯдакон тавассути бозӣ. Нақши бозӣ ва бозичаҳо дар тарбияи кӯдакони синни томактабӣ. Такмили хислатҳои нек, муносибати хайрхоҳона бо ҳамсолон дар бозӣ. Барномаи таълимӣ вазифаҳои ҳар як намуди бозиро муайян намудааст: бозиҳои серҳаракат инкишофи ҷисмонӣ, бозиҳои дидактикӣ тарбияи зеҳнӣбозиҳои сужетӣ ва нақшдор сифатҳои мусбии инсонро ташаккул медиҳад. Нақши мудир дар таъмини

кӯдакистон бо бозиҳою бозичаҳо, маводу таҷҳизоти варзишӣ мувофиқи синну сол. Мушоҳида ва таҳлили бозиҳои бачагона.

Мушоҳидаи мазмуни бозиҳо, рафтор ва муносибати байниҳамдигарии кӯдакон ҳангоми бозӣ, тарзи роҳбарии мураббӣ ба бозӣ. Дар шурои омӯзгорӣ таҳлили дурусти натиҷаҳои раванди бозӣ. Интихоби таҷҳизоту маводи бозӣ ва мавқеи онҳо дар гурӯҳҳо. Интихоби минтақаҳои бозии назди кӯдакистон.Талаботҳои педагогӣ ва гигиенӣ ҷиҳати интихоби бозичаҳо мувофиқи синну соли тарбиягирандагон.

**Мавзуи 1.6.** Ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакон. Шинос намудани мураббиён бо дастуруламал оид ба ҳифзи саломатӣ ва ҳаёти кӯдакон дар муассисаи томактабӣ ва назорати доимии татбиқи он. Мудири кӯдакистон масъул ва ҳимоятгари асосӣ оид ба ҳаёт ва саломатии тарбиягирандагон. Ҳамкории зичи мудир бо кормандони тиб ва падару модарон дар ин ҷода. Мудир муайянкунандаи кумакҳои амалӣ ба мураббиён ва ҳамшираи тиб.

Ташхиси тиббии кӯдакон ва ҳифзи саломатии онҳо дар кӯдакистон. Диққати махсус додан ба масъалаҳои беҳдошти шахсӣ ва роҳҳои пешгирии касалиҳои сирояткунандаи бачагона. Пешгирии бардоштани ҷароҳат ҳангоми бозӣ, машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, бозиҳои варзишӣ ва роҳҳои расонидани ёрии аввалини тиббӣ. Риояи қоидаҳои зидди сӯхтор ва қоидаҳои ҳаракат дар роҳ. Ташкил ва гузаронидани озмунҳои “Чароғаки роҳнамо” ва “Қоидаҳои зидди сӯхтор” бо тарбиягирандагони синни калони томактабӣ. Ғизои кӯдакон ва меъёрҳои он. Таҳти назорати мунтазам гирифтани сифати хӯрок ва риояи дурусти қоидаҳои нигоҳ доштани маводи хӯрока аз тарафи мудири кӯдакистон. Ҳифзи саломатӣ. Мақсади ташхиси тиббии кӯдакон.

Антропометрия. Гузаронидани он ва муайян кардани вазн, сабзиши қади кӯдак, инкишофи ҷисмонию системаи асаби кӯдакон. Баъди гузаронидани ташхиси тиббӣ ба маълумоти мураббиён ва волидон расонидани ҳолати саломатии кӯдакон. Қайди махсуси тиббӣ дар варақаҳои тиббии кӯдакон оид ба маслиҳатҳо доир ба реҷа, обутобдиҳии бадани кӯдакон, ғизои онҳо ва тадбирҳои солимгардонии тарбиягирандагон. Мудири кӯдакистон барои риояи қатъии реҷаи санитарӣ, тозагии ошхона, хонаҳои бозию хоб, майдончаҳои бозӣ масъул аст.

**Мавзуи 1. 7**. Хушҳолиҳо ва ҷашнҳои сиёсию миллӣ дар муассисаҳои томактабӣ. Аҳамияти тадбирҳои тарбиявӣ бахшида ба ҷашнҳои умумихалқӣ дар ташаккули маънавиёти тарбиягирандагон. Коркарди сенарияҳои ҷашнҳои 27 июн – Рӯзи Ваҳдати Миллӣ, 9 сентябр – Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 ноябр - Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи забони тоҷикӣ, иди «Хайр, боғча». Доир намудани ҷашнҳои миллӣ Меҳргон, Сада, Наврӯз ва аҳамияти тарбиявии онҳо дар ҳаёти кӯдак. Ин идҳо дар шакли машғулиятҳои мавзуию муштарак ташкил ва қайд карда мешаванд. Гузаронидани иду ҷашнҳо, хушҳолиҳо дар ҷараёни кору накшаҳои пешакӣ бояд сурат гирад. Хушҳолиҳо ҳафтае як бор гузаронида мешаванд.

Намоишҳои гуногуни театри лӯхтак (соядор, рӯимизӣ, ангуштӣ), консертҳо, намоиши филмҳо, афсонаҳо ҳаёти кӯдаконро рангинтару гуворотар месозанд. Иштироки кӯдакон дар омодагии иду ҷашнҳо талаботи асосӣ буда, дониш, маҳорат ва малакаи дар муасссиаи томактабӣ гирифтаро инъикос менамояд. Тарзи ташкил ва ороиши толорҳои мусиқӣ ва хонаҳои гурӯҳ ба истиқболи ин ҷашнҳо.

Мудиру сармураббии кӯдакистон нақшаи тақвимии ҷашну хушҳолиҳоро кор карда, дар шурои омӯзгорӣ тасдиқ менамоянд ва иҷрои онро таҳти назорат мегиранд. Мушоҳида ва иштироки ҳатмии сарвару сармураббӣ дар рӯзҳои ҷашни идҳо ва дар ҷамъомадҳои назди мудир таҳлил намудани онҳо. Нақши роҳбари мусиқӣ дар доир намудани хушҳолиҳо ва идҳо: интихоби репертуари мувофиқ, ёд додани сурудхонию рақс, саҳначаҳо, бозиҳои ва сифати иҷрои онҳо аз тарафи тарбиягирандагон. Омода намудани либосҳои гуногуни саҳнавӣ, маводи варзишӣ ва мусиқӣ барои кӯдакон дар арафаи идҳо аз тарафи роҳбари мусиқӣ ва мудир. Вазифаи асосии роҳбарияти кӯдакистон аз он иборат аст, ки кӯдакон ба моҳияту мазмуни идҳо сарфаҳм раванд ва аҳамияти тарбиявӣ доштани онҳо ифода ёбад. Давомнокии чорабиниҳои оммавӣ набояд аз 40-45 дақиқа зиёд давом кунад.

**Мавзуи 1.8**. Кӯдакистон ва оила.

Шаклҳои кории кӯдакистон бо падару модарон. Мақсаду вазифаҳо оид ба тарбияи кӯдакон бояд дар оилаю кӯдакистон ягона бошанд. Ташкили гӯшаҳо барои волидон дар гурӯҳҳои синнӣ. Гӯшаҳои “Аз ҳаёти кӯдакон (гурӯҳ)”, “Маслиҳатҳо ва тавсияҳо”, “Корҳои нек” фаъолияти пурраи АВО ва кӯдакистонро инъикос менамояд. Барои падару модарон гузаронидани семинару конференсияҳои амалӣ оид ба тарбияи кӯдакони синни томактабӣ дар оила. Нақши падару модарон дар тайёр кардани кӯдакон ба мактаб. Мактаби «Модарони ҷавон» ва татбиқи барномаи «Хониши оилавӣ». Ҳамкорӣ бо мактаб ва моҳияти он. Ташкили рӯзи “Дарҳои кушод” бо мақсади шинос намудани оилаҳо бо мазмуну моҳияти тарбияи томактабӣ ва нақши кормандону волидон дар омода кардани кӯдакон ба мактаб. Мавқеи асосиро дар ҳамкорӣ бо падару модарон шиносоии мураббиён бо шароити оилаҳо, сухбатҳои

инфиродӣ, гузаронидани маслиҳатҳо барои волидон оид ба ин ё он масъалаҳои тарбиявии кӯдакон ишғол менамояд. Шаклҳои асосии корро бо падару модарон маҷлисҳои гурӯҳӣ ва умумии кӯдакистон ташкил медиҳанд.

Вазифаи муҳими мудирону сармураббиёни кӯдакистонҳо ин ёд додану тайёр кардани мураббиёни ҷавон барои кор бо падару модарон. Забони таълим. Мавҷудияти маводи дидактикӣ, методӣ, аёният, воситаҳои техникӣ ва тарзи истифодаи онҳо дар фаъолиятҳои гуногуни тарбиявӣ. Маҳорати касбии мудирону сармураббӣ дар баҳодиҳии фаъолияти мураббиён ва кӯдакон дар раванди таълим вобаста ба масъалаҳои номбурда дар гурӯҳҳои гуногуни синнӣ. Таҳлили машғулияту мушоҳидаҳо, хулосабарорӣ.

**Мавзуи 1.9**. Бино, майдончаҳо ва талаботи санитарӣ нисбати онҳо. Бинои кӯдакистон ва майдончахои муассисаи томактабӣ. Нигоҳдории биноҳо ва талаботҳои санитариву гигиенӣ нисбати онҳо. Бинои кӯдакистон бояд аз роҳи мошингард дур бошад. Ҳаҷми хонаҳои гурӯҳ барои озодона ҳаракат кардани кӯдакон бояд қулай бошад. Тирезаҳои хонаҳои бозӣ бояд дар самти шарқ ҷойгир бошанд. Дар гурӯҳҳо ҳарорати ҳаво муътадил нигоҳ дошта мешавад. Доимо тоза нигоҳ доштани шишаҳои тирезаҳо барои истифодаи рушноии табиӣ дар хонаҳои бозӣ муҳим аст. Рӯшноии баланди сунъӣ ба узвҳои биноии кӯдакон зарар дорад. Риоя намудани талаботҳои санитарӣ нисбати рӯшноии дохили бино. Дар хонаҳои гурӯҳҳо набояд растаниҳои калонҳаҷм гузошта шавад. Дар гурӯҳҳо таҷҳизот мувофиқи синни кӯдакон таъмин карда мешавад. Ҳамаи таҷҳизоти гурӯҳ (миз, курсӣ) бояд аз маводи босифат ва сабук тайёр карда шуда бошад ва дар назди тирезаҳо ҷой дода мешавад.

Ҳолати санитарии муассисаи томактабӣ аз низоми кори кормандони техникӣ ва роҳбарони он вобаста аст. Ороиши умумии кӯдакистон. Дар хонаҳои бозӣ гӯшаҳои гуногуни маишӣ ва таълимӣ бояд аз рӯи завқи баланду талаботи эстетикии ороишдиҳӣ аз тарафи сарвару сармураббӣ ва мураббиёни кӯдакистон ташкил карда мешавад. Территорияи кӯдакистон аз айвончаҳо, участкаҳои вобастшуда (ба гурӯҳҳо), майдончаҳои варзишӣ, минтақаҳои санитарӣ-гигиенӣ (ҳоҷатхона, бассейн), ҷой барои омӯзиши қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, ҷойҳои махсуси бозӣ бо қум ва ғайра иборат аст. Интихоби минтақаҳои бозӣ ва айвончаҳо дар муассисаи томактабӣ. Минтақаҳои бозӣ барои ширхоргоҳ ва кӯдакистон. Интихобу ҷо ба ҷокунии маводи маишию техникӣ ва таълимии ҳар як гурӯҳи синнӣ дар шурои омӯзгорӣ муҳокима карда мешавад.

**Мавзуи 1.10.** Фаъолияти омӯзишии кӯдакон дар раванди таълим. Инкишофи рӯҳии кӯдак аз таъсири калонсолон, макони зист, гирду атроф аз як тараф ва азхудкунии дониш, маҳорат ва малака дар оила аз тарафи дигар вобастагӣ дорад. Бо мурури замон ин нуфуз омода будани кӯдакро дар риояи нишондодҳои калонсолон, яъне иҷрои супоришҳою вазифаҳои онҳо нишон медиҳад. Аз ин рӯ, дар кӯдаки синни калони томактабӣ аллакай падидаҳои нахустини омӯзиш дар шаклҳои зерин мушоҳида мегардад:

- Вақте ки кӯдак барои кумак ба калонсолон муроҷиат мекунад;
- Вақте ки шарҳи дурусти кашидани расму сохтани суроб ва ё тарзи баён кардани фикрро аз онҳо талаб менамояд.

Аммо баъдтар омӯзиши кӯдак дар муассисаҳои томактабӣ тибқи барномаи ягона ва ҳатмӣ сурат мегирад. Пайдоиши

чунин намуди таълим бо якчанд ҳолатҳое, ки шароитҳои фаъолияти кӯдакро таъмин менамояд, алоқаманд аст:

- Ба мустақилона амал намудани кӯдак талабот меафзояд;
- Зарурати ташаккул додани на танҳо малакаҳои ҳаракаткунӣ, балки маҳорату малакаҳои сенсорӣ, нутқӣ ва зеҳнӣ ба миён меояд;
- Намуду мазмуни фаъолиятҳо ва вазифаҳои таълимӣ торафт мураккаб мешаванд.

Тахминан дар синни сесолагӣ дар рафтори кӯдак тағйирот мушоҳида мегардад ва аз ин лиҳоз, ба волидону мураббиён зарур аст, ки онҳоро бо муҳити атроф, табиат мақсаднок шинос намоянд ва иҷрои пай дар пайи амалҳои одитарини ҳаррӯзаро ёд диҳанд.

Дар машғулиятҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ мураббӣ бояд аввал ба кӯдак *омӯхтанро ёд* диҳад, яъне кӯдак метавонад бо кумаки калонсол ва баъдан мустақилона амалҳоро иҷро кунад, маҳорату малакаи худро сайқал диҳад, донишашро васеъ намояд ва баъд онро эҷодкорона истифода барад.

**Мавзуи 1.11**. Заминаи ҳуқуқии маблағгузории муассисаҳои томактабӣ.

Мазмуни пояи моддӣ, техникӣ ва таълимӣ дар кӯдакистон. Маблағгузории муассиса ва хароҷотҳои мақсаднок. Ташкил ва расонидани хизматҳои иловагии пулакии таълим. Асноди меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи меҳнат ва ҳуқуқҳои кормандони муассисаҳои томактабӣ.

**Мавзуи 1.12**. Вазифаҳои роҳбарони муассисаҳои томактабӣ оид ба маблағгузории кӯдакистон. Шинос намудани кормандони омӯзгории кӯдакистонҳо бо дастуруламал дар

борои тартиб додани сметаи харочот оид ба нигоҳ доштани муассисаҳои томактабӣ. Ҷадвали басти воҳидҳои корӣ. Тарификатсияи омӯзгорон ва кормандони кӯдакистон.

Аз курсҳои такмили ихтисос ва аттестатсия гузаронидани омӯзгорони томактабӣ.

## 2. Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ

**2.1.** Ташкили муҳити рушддиҳанда дар гурӯҳҳои синнии муассисаҳои томактабӣ. Интихоби маводу айёнияти омӯзишӣ мувофиқи хусусиятҳои синнусолӣ. Роҳҳои истифодаи дурусти онҳо дар раванди таълим. Маводи дастсохт ва аҳамияти он дар инкишофи зеҳнии кӯдак.

2.2. Таҳсилоти фарогир. Дастрасии барномаҳои омӯзишӣ ба кӯдакони синни томактабӣ ва омода намудани онҳо ба мактаб. Кор бо кӯдакони имконияташон маҳдуд. Хусусиятҳои физиологӣ ва равонии кӯдакони нуқсонҳои гуногундошта. Ташкили корҳои инфиродӣ бо чунин кӯдакон ва таъмини ҳуқуқи онҳо барои таҳсил дар мактаб.

2.3. Меъёрҳои санитарию эпидеомологии муассисаҳои томактабӣ. Ҳифзи саломатии кӯдакон ва пешгирии касалиҳои сироятии фазоӣ-чакрагӣ. Баланд бардоштани маърифатнокии санитарии кормандони муассисаи томактабӣ. Гузаронидани тадбирҳои пешгирикунанда ва зиддиэпидемикӣ. Риояи қатъии қоидаҳои қабули кӯдакон ба муассисаи томактабӣ. Ташкил намудани речаи санитарию эпидеомологӣ дар муассисаҳои томактабӣ. Мушоҳида ва нигоҳубини кӯдакон аз тарафи мураббиён дар гурӯҳҳои синнӣ.

2.4. Ташкили омӯзиш тавассути бозиҳои дидактикӣ ва таълимӣ дар кӯдакистон. Бозиҳои дидактикӣ – бозиҳои омӯзишӣ мебошанд. Ҳадафи асосии онҳо – ташаккул додани азхудкунӣ ва мустаҳкамкунии тасаввурот, маҳорат, малака ва

қобилияти зеҳнист.

Бозиҳои дидактикиро чун воситаи тарбия ва таълим васеъ истифода мебаранд, зеро онҳо ҷараёни омӯзишро хеле осон ва мақсаднок месозанд.

Бозиҳои дидактикӣ аз ҷиҳати мазмун ва талаботи барномаҳои таълимии томактабӣ қисмҳои зайлро дар бар мегиранд: ба кӯдакон додани тасаввурот оид ба ашёҳо, сифату хосият ва таъиноти онҳо; тасаввурот дар бораи хелҳои меҳнат, касбҳои гуногун ва нақши онҳо дар ҳаёти одамон; тасаввурот доир ба фаслҳои сол, ҳодисаҳо ва ашёҳои табиат; тасаввурот оид ба фазо.

Аҳамияти бозиҳои таълимӣ дар машғулиятҳо. Тайёр намудани маводи дидактикӣ – бозиҳои таълимӣ ва ашёҳои аёнӣ. Дуруст ташкил намудани бозиҳои таълимӣ ба рушддиҳии ҳаматарафаи кӯдакон ва саломатии онҳо таъсири мусбӣ мерасонад. Бозиҳои таълимӣ дар ҷараёни машғулиятҳо ва ё берун аз онҳо ташкил ва гузаронида мешаванд, ки шавқашонро ба донишомӯзӣ зиёд менамояд.

Бозиҳои таълимӣ зиёдтар дар раванди омӯзиши машғулиятҳои инкишофи нутқ ва омодагӣ ба саводомӯзӣ истифода мешаванд. Аммо кӯдаке, шакли ҳарфро ба хотир гирифта натавонад, ӯро маҷбур кардан мумкин нест, зеро шавқи кӯдак нисбати омӯзиш паст мегардад. Кӯдакон бояд ҳарфҳоро тавассути бозиҳо ва усулҳои гуногун аз худ намоянд.

Адабиёти истифодашуда


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Душанбе, 2013, 2024.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», Душанбе, 2013.
3. Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2002.
4. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2006.
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи давлатии рушди тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2020-2025», 2019.
6. Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар ҶТ, 2014
7. Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдакони аз рӯзи таваллуд то 7-сола, 2010, 2023.
8. Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015.
9. Барномаҳои таълимии «Рангинкамон» (2012), кӯтоҳмуддати омодагии кӯдакони синни 5-7 (6) сола ба мактаб ва омодагии пешазмактабии кӯдакони синни 5-7 (6) сола ба мактаб, 2010, 2015.
10. Б. Маҷидова – Педагогикаи томактабӣ, 2012 (китоби дарсӣ барои мактабҳои олии омӯзгорӣ).
11. Детский сад, Москва, 2005 (Книга для заведующих)
12. Справочник по дошкольному воспитанию, 1998, Москва
13. Сафин Д. В., Мусина Р. Г. Интерактивные методы преподавания и учения. Учебно-методическое пособие.- Душанбе, 2006.
14. Мухина М. С. Возрастная психология-Москва, 2002
15. Современный ребенок, Энциклопедия, Москва, 2010.